FAN OLIMPIADALARI MARKAZI

*Iste'dodlarni kashf etamiz!*

IXTISOSLASHTIRILGAN TA'LIM MUASSASALARI AGENTLIGI HUZURIDAGI
FAN OLIMPIADALARI MARKAZI

**2025-2026-O'QUV YILIDA UMUMTA'LIM FANLARI BO'YICHA ASOSIY OLIMPIADANING IKKINCHI TUMAN (SHAHAR) BOSQICHI**

# TOJIK TILI VA ADABYOTI (11-sinf)

FANIDAN

# TEST TOPSHIRIQLARI KITOBI

_______________________________________________ _____________________

*Ishtirokchining familiyasi, ismi va otasining ismi* *Imzo*

Ushbu test topshiriqlari kitobi 30 ta (1–30) yopiq turdagi test topshiriqlaridan iborat.
Har bir topshiriq uchun ajratilgan ball savol kitobida ko'rsatilgan.
Topshiriqlar yopiq turdagi bo'lib, ularda A, B, C va D javob variantlari berilgan.
Ishtirokchi har bir topshiriq uchun faqat bitta to'g'ri javobni tanlashi va javoblar varaqasida mos keluvchi doirachani to'liq bo'yashi kerak.

*Ajratilgan vaqt: 60 daqiqa*
*Savollar soni: 30 ta*
*Maksimal ball: 50 ball*

Ushbu savollar kitobi 4 sahifadan iborat

**Fan olimpiadalari markazi rasmiy telegram sahifasi.**
@Fan_olimpiadalari_M

Olimpiada topshiriqlari yechimlari ushbu telegram kanalda e'lon qilib boriladi.

© Fan olimpiadalari markazi, 2025

@muallimlar

**1. [0,9 ball]** Ҳикояҳои хурдеро, ки мазмуни ҳазломез, лутф ва ҳаҷвомез доранд, чӣ меноманд?
A) Маҷоз
B) Афсона
C) Латифа
D) Тамсил

**2. [0,9 ball]** Шакли тасрифнашавандаи феъл, ки амалу ҳолатро ҳамчун аломати феъли асосӣ ифода менамояд, чӣ ном дорад?
A) Масдар
B) Феъли ҳол
C) Сифати феълӣ
D) Сиға

**3. [0,9 ball]** Дар ҷумлаи "Устухонаш гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту" пешоянди аз ба ҷумла чӣ гуна тобиши маъноӣ бахшидааст?
A) Сарчашмаи амал
B) Муқоиса
C) Ибтидои замон
D) Сабаб

**4**. **[0,9 ball]** Нумуди пайвандакҳои пайвасткунандаи ё, ё ки, ё ин ки-ро муайян намоед.
A) ҷудоӣ
B) хилофӣ
C) паиҳам
D) сабаб

**5**. **[0,9 ball]** Кадом услуби забон услуби ғайрихаттӣ мебошад?
A) Услуби гуфтугӯӣ
B) Услуби илмӣ
C) Услуби бадеӣ
D) Услуби расмии коргузорӣ

**6.** Ҷумлаи номуайяншахсро ёбед.
A) Зист бояд бо ғаму ёди дигар.
B) Дирӯз аз аҳволи модаркалонам хабар гирифтам.
C) Кори накарда ба карда машуморед.
D) Ба мошини сабукрав савор шуданд.

**7. [0,9 ball]** Муаллифи байти зеринро муайян намоед.
Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.
A) Саъдии Шерозӣ
B) Носири Хисрав
C) Абулқосим Фирдавсӣ
D) Абдураҳмони Ҷомӣ

**8. [0,9 ball]** Сохти ибораҳои "барои хондан омадан, дар хона нишастан"-ро муайян намоед.
A) сохта
B) содда
C) мураккаб
D) таркибӣ

**9. [0,9 ball]** Ҷумлаи хикоягиро муайян намоед.
A) Духтарам, имрӯз барвакттар биё
B) Чаро сутун барин рост истодаӣ
C) Ба ҷӯйчаҳо обҳои зулол равон мешаванд
D) Оҳ, чӣ хуш аст, табиати кӯҳсор

**10. [0,9 ball]** Муаллифи асарҳои "Рисолаи дилкушо", "Сад панд", "Даҳ фасл" кист?
A) Убайди Зоконӣ
B) Носири Хисрав
C) Камоли Хуҷандӣ
D) Низомии Ганҷавӣ

**11. [1,5 ball]** Намуди ҳоли ҷумлаи "Султон Маҳмуд барои гирифтани қасоси худ аз асп фармуд, ки онро букушанд"-ро муайян кунед.
A) Ҳоли макон
B) Ҳоли мақсад
C) Ҳоли хилоф
D) Ҳоли тарзи амал

**12**. **[1,5 ball]** Сиғаи феълҳои "рафт, наомад, меояд"-ро муайян намоед.
A) Сиғаи шартию хоҳишмандӣ
B) Сиғаи амрӣ
C) Сиғаи эҳтимол
D) Сиғаи хабарӣ

**13. [1,5 ball]** Шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки –у (-ю, -ву) корбаст шудаанд, чӣ гуна навишта мешаванд?
A) бо вергул
B) якҷоя
C) бо тире
D) ҷудо

**14. [1,5 ball]** Аз ҷумлаҳои додашуда ҷумлаи мураккаби тобеъро муайян кунед.

FOM
@muallimlar

A) Чандин тадбирҳо ёфт, аммо инҳо дар охир ба ӯ маъқул нашуданд.
B) Вай фарзандашро дар оғӯш карду аз дидагонаш ашк борид.
C) Бачаҳо, чӣ қадаре ки дилашон хоҳад, бозӣ ва даводав мекарданд.
D) Ҳар бегоҳӣ ё ман ба дидани бародарам мерафтам, ё ӯ ба назди ман меомад.

**15. [1,5 ball]** Повестҳои “Ҷамила”, “Алвидоъ Гулсарӣ” ва романи “Рӯзи аз қарн ҳам дароз”-и Чингиз Айтматовро кӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст?
A) Фазлиддин Муҳаммадиев
B) Сотим Улуғзода
C) Ӯрун Кӯҳзод
D) Саттор Турсун

**16**. **[1,5 ball]** Нахустин повести Саттор Турсун кадом аст?
A) “Пайванд”
B) “Сукути қуллаҳо”
C) “Камони Рустам”
D) “Мегӯянд, ки модарам”

**17**. **[1,5 ball]** Ибораҳое, ки ҷузъҳои онҳо дар якҷоягӣ барои ифодаи як маънӣ хизмат мекунанд, чӣ гуна ибораҳоянд?
A) Ибораҳои таркибӣ
B) Ибораҳои наҳвӣ
C) Ибораҳои фразеологӣ
D) Ибораҳои сохта

**18. [1,5 ball]** Кадом адиб хондану навиштанро дар ҳавлии худ, дар мактаби хусусии модараш, ки барои саводомӯзии кӯдакон буд, ёд гирифт?
A) Шавкати Бухороӣ
B) Шамсиддин Шоҳин
C) Абдулкодирхоҷаи Савдо
D) Аҳмади Дониш

**19. [1,5 ball]** Асар аз чор қисм иборат мебошад. Ҳар як қисми асар аз 25 боб иборат буда, ҷамъ сад бобро дар бар мегирад. Ҳар як қисм ва боби асар бо муқаддимаи мухтасар сар мешавад. Дар таркиби асар зиёда аз ду ҳазор ҳикояти таърихӣ, афсонаҳо ва ривоятҳо ҷо дода шудаанд. Ин кадом асар аст?
A) “Ҷавомеъул ҳикоёт”
B) “Сафарнома”
C) “Ахлоқ-ул-ашроф”
D) “Наводир-ул-амсол”

**20. [1,5 ball]** Ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаби “Дар ҳамин вақт чашми ӯ ба пирамарде афтод, ки ба тарафи вай меомад” ба кадом навъи ҷумлаҳои пайрав мансуб аст?
A) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда
B) Ҷумлаи пайрави пуркунанда
C) Ҷумлаи пайрави мубтадо
D) Ҷумлаи пайрави хабар

**21**. **[2,6 ball]** Калимаҳои зидмаъно дар адабиётшиносӣ кадом санъати бадеиро ифода мекунанд?
A) Муродиф
B) Таҷнис
C) Тазод
D) Муболиға

**22**. **[2,6 ball]**

*Барои дилкушодагон даҳр танг аст,*
*Барои шишадилҳо даҳр санг аст.*
*Барои чашмтангон умр мол аст,*
*Барои кинадорон сулҳ ҷанг аст.*

Жанри шеърро муайян намоед.
A) Рубоӣ
B) Дубайтӣ
C) Ғазал
D) Маснавӣ

**23. [2,6 ball]** Достонҳое, ки ба Мӯъмин Қаноат таааллуқ доранд, муайян намоед.
A) “Суруши Сталинград”, “Тоҷикистон – исми ман”, “Чароғи абадӣ”
B) “Достони оташ”, “Китобҳои захмин”, “Ситораи Исмат”
C) “Хазон ва баҳор”, “Достони оташ”, “Ҷони ширин”
D) “Ситораи Исмат”, “Чароғи абадӣ”, “Хазон ва баҳор”

**24. [2,6 ball]** Асари дуввуми сегонаи Ҷалол Икромӣ буда, мазмуни китоб давоми воқеаҳои асари аввал аст ва ҳодисаҳои солҳои 1920-1922-и Бухороро дар бар мегирад. Ин кадом асари нависанда мебошад?
A) “Ситора”

@muallimlar

D) “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”

**25. [2,6 ball]** Дар ҷумлаи “Мо дар кӯҳсор гиёҳҳои шифобахш ҳам ҷамъ мекунем” ба вазифаи мубтадо кадом ҳиссаи нутқ омадааст?

A) Масдар

B) Исм

C) Ҷонишин

D) Зарф

**26**. **[2,6 ball]** Носир Аббос, Ивонамак, Каримҷонака ва Иброҳимҷон қаҳрамонони асосии кадом асари Фазлиддин Муҳаммадиев мебошанд?

A) “Палатаи кунҷакӣ”

B) “Варта”

C) “Одамони кӯҳна”

D) “Шоҳии япон”

**27. [2,6 ball]** Ҷумлаи соддаи яктаркиба чист?

A) Ҷумлае, ки танҳо аз мубтадо ва хабар иборат аст.

B) Ҷумлаҳое, ки ҳам мубтадо ва ҳам хабар доранд.

C) Ҷумлае, ки ғайр аз сараъзо аъзоҳои пайрав низ дорад.

D) Ҷумлаҳое, ки танҳо хабар ва ё мубтадо доранд.

**28. [2,6 ball]** “Дар мавҷҳои таърих халқро нишон додан аз ракурсҳои Айнӣ мебошад. Айнӣ бисёр асарҳои хурду калони аҷоиб дорад, ман мутолиакунандагонро барои шинос шудан бо қиссаи ҳаҷвии ӯ “Марги судхӯр” даъват мекунам. Дар он ҷозибаи ниҳоят зиёд мавҷуд аст”. Ин суханонро дар бораи Айнӣ кӣ гуфтааст?

A) Робиндронат Такур

B) Бердӣ Карбобоев

C) Чингиз Айтматов

D) Сарвари Гӯё

**29**. **[2,6 ball]** Муаллифи байти зеринро муайян кунед.

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

A) Камолиддин Биноӣ

B) Абдураҳмони Ҷомӣ

C) Саъдии Шерозӣ

D) Низомии Ганҷавӣ

**30. [2,6 ball]** Калима ва иборае, ки предмети муроҷиатшударо ифода намуда, ба ягон савол ҷавоб намешавад ва аъзои ҷумла ба шумор намеравад, чӣ ном дорад?

A) Мухотаб

B) Аъзоҳои истисноӣ

C) Воҳидҳои туфайлӣ

D) Баёния

@muallimlar